БАЁНИЯИ МАТБУОТӢ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон натиҷаҳои аввалини PISA 2025-ро муаррифӣ мекунад. Натиҷаҳои аввалини иштироки Тоҷикистон, аз ҷумла натиҷаҳои муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, дар PISA 2025, муаррифӣ мешаванд. Ин натиҷаҳо заминаи аввалини муқоисаи сатҳи дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагони Тоҷикистонро бо натиҷаҳои кишварҳои дигар фароҳам меоранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои PISA барои оғози баррасии васеъ дар мавриди истифодаи онҳо барои такмилу тақвияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва идомаи ислоҳот замина мегузоранд.

ДУШАНБЕ, ТОҶИКИСТОН – 15-уми сентябри соли 2026. Имрӯз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои нахустин иштироки Тоҷикистонро дар PISA 2025 – Барномаи байналмилалии Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) оид ба арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон – муаррифӣ карданд.

Таҳқиқоти PISA 2025 дар шакли коғазӣ дар байни хонандагони 15-солаи шаҳри Душанбе гузаронида шуд, ки се самти асосиро фаро гирифт: саводи фанҳои табиатшиносӣ, саводи математикӣ ва саводи хондан. Дар таҳқиқот аз 160 муассисаи таълимии интихобгардида 5 771 нафар хонанда иштирок карданд. Азбаски таҳқиқот фақат дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, натиҷаҳои бадастомада низ танҳо нишондиҳандаҳои пойтахти кишвар ба ҳисоб мераванд ва онҳоро набояд ба тамоми низоми маорифи Тоҷикистон нисбат дод. Дар баробари ин, натиҷаҳои бадастомада барои Тоҷикистон заминаи аввалини муқоисаи байналмилалиро фароҳам меоранд, ки баъд аз ин метавонанд барои мониторинги сифати таҳсилот ва арзёбии натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маориф истифода шаванд. Ҳамчунин, дар даври навбатӣ – PISA 2029 ба шакли компютерӣ баргузор шудани арзёбӣ дар Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст.

НАТИҶАҲОИ АСОСИИ PISA 2025 ДАР ДУШАНБЕ:

- **Нуқтаи заминавии муқоисаи байналмилалӣ:** PISA 2025 бори аввал ба Тоҷикистон маълумоти муқоисашавандаро дар сатҳи байналмилалӣ дар бораи сатҳи дониш ва малакаҳои хонандагони 15-солаи шаҳри Душанбе пешниҳод мекунад.
- **Натиҷаҳои таълим:** натиҷаи нишондодаи хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба ҳисоби миёна 334 балро аз саводи фанҳои табиатшиносӣ, 382 балро аз саводи математикӣ ва 368 балро аз саводи хондан ташкил медиҳад.
- **Сатҳи заминавии саводи амалкардӣ (функсионалӣ):** аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ 11,8%, аз саводи математикӣ 23,5% ва аз саводи хондан 18,1%-и хонандагон ба сатҳи 2 ва баландтар аз он расидаанд. Афзоиш додани ҳиссаи хонандагоне, ки бояд ба сатҳи заминавии саводи амалкардӣ бирасанд, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.
- **Истифодаи дониш дар ҳолатҳои воқеии зиндагӣ:** натиҷаи нисбатан пасттар аз рӯйи саводи фанҳои табиатшиносӣ ба қайд гирифта шуд. Ин зарурати тақвияти равишҳои амалигаро (донишҳои амалӣ), таҳқиқотӣ ва салоҳиятнокро дар раванди таълим таъкид мекунад.
- **Таъмини баробарии имкониятҳо ва муҳити мусоиди таълимӣ:** натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки барои беҳтар шудани сифати таҳсилот минбаъд зарурати таваҷҷуҳи бештар ба масъалаҳои коҳиш додани нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ дар байни хонандагон, баланд бардоштани сифати таълим ва ҷалби фаъолонаи хонандагон ба раванди омӯзиш, инчунин таҳкими муҳити бехатару дастгирикунанда дар мактаб вуҷуд дорад.

АЗ НАТИҶАҲО ТО СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Конфронси миллӣ намояндагони Вазорати маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ, СҲИР, Ҳайати намояндагии Иттиҳоди Аврупо, намояндагони низоми маориф ва шарикони рушдро ба ҳам меорад. Барномаи конфронс

муаррифии натиҷаҳои шаҳри Душанбе, баррасии онҳо дар заминаи байналмилалӣ ва роҳҳои истифодаи ин маълумотро барои беҳтар намудани сифати таҳсилот ва фароҳам овардани имкониятҳои баробари таҳсил пешбинӣ менамояд.

Натиҷаҳои PISA 2025 ҳамчун нуқтаи оғоз барои такмили минбаъдаи низоми маориф дар асоси маълумоти воқеӣ баррасӣ мешаванд. Ин натиҷаҳо барои пайгирии (мониторинги) пешрафти минбаъда, рушди иқтидори миллӣ дар самти арзёбӣ ва истифодаи мунтазами маълумот ва далелҳои воқеӣ ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва қабули қарорҳо замина фароҳам меоранд.